# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№9 (4905)

ДУШАНБЕ, 20 ЯНВАРИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj




## МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**17-уми январи соли 2025 дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.**

Дар кори маҷлис роҳбарият ва аъзои Ҳукумати кишвар, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он, роҳбарони мақомоти марказии давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, бонкҳои давлатӣ ва саҳомӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои расмӣ ва дигар шахсони масъул иштирок карданд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар соли 2024 муфассал баррасӣ гардида, вазифаҳои асосӣ барои соли 2025 муайян карда шуданд.

Дар қисмати аввали маҷлис нахуст ҳисоботи Сарвазири кишвар Қоҳир Расулзода оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2024 шунида шуд. Тавре таъкид гардид, соли 2024 дар ҳаёти сиёсию иқтисодии кишвар як қатор пешравиҳои назарраси иҷтимоию иқтисодӣ ба миён омад. Дар натиҷаи татбиқи сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Президенти кишвар рушди иқтисодиёт дар сатҳи устувор нигоҳ дошта шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## БАРҚИЯИ ТАБРИКӢ

**16-уми январи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Хорватия муҳтарам Зоран Миланович барқияи табрикӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ,**



Лутфан табрикоти самимӣ ва таманниёти неки инҷонибро ба муносибати интихоб шуданатон ба маснади олии Президенти Ҷумҳурии Хорватия қабул фармоед.

Пирӯзии Шумо дар интихобот гувоҳи боризи ҷонибдории шаҳрвандони кишваратон аз сиёсати пешакардаи Шумо дар роҳи рушди иҷтимоиву иқтисодии Хорватия ва таҳкиму тақвияти мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Бо истифода аз фурсати муносиб изҳори умед менамоям, ки муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманди миёни Тоҷикистон ва Хорватия бо талошҳои муштараки мо минбаъд низ мутобиқ ба манфиатҳои аслии мардумонамон рушду тавсеа хоҳанд ёфт.

Омодагии хешро ҷиҳати пешбурди ин раванд ва идомаи муколамаи созандаи байнидавлатии кишварҳоямон иброз менамоям.

Ба Шумо саломатии комил ва дар фаъолияти сермасъули давлатиатон комёбиҳо, ба мардуми Хорватияи дӯст сулҳу субот ва пешрафту шукуфоии бардавом орзу менамоям».



## МАСЪУДИ ПИЗИШКИЁН ДАР ТОҶИКИСТОН

**15-уми январи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нишони эҳтироми баланд меҳмони олимақом - Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиёнро самимона истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи фахрӣ даъват намуданд.

**16-уми январи соли равон маросими бошукӯҳи истиқболи Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён дар майдони Қасри миллат, ки ба хотири нахустин сафари давлатии меҳмони воломақом идона ороста буд, баргузор гардид.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиёнро самимона ва гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Саҳни Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ба хотири пазироии арзандаи меҳмони олиқадр бо парчамҳои давлатии ҳар ду кишвар, аксҳои сарони давлатҳои Тоҷикистону Эрон ва шиорҳои тараннумгари дӯстии мардумони ҳар ду давлат идона оро ёфта буд. Барои истиқбол роҳрави сурх густурда шуда, афсарони горди фахрӣ аз ду тарафи роҳрав саф оростанд.

Зимни суҳбати кӯтоҳ, ки дар толори фурудгоҳ баргузор гардид, сарони ҳар ду давлат доир ба барномаи нахустин боздид ва сафари давлатии Масъуди Пизишкиён ба Тоҷикистон табодули назар намуда, аз ҷумла изҳори бовар намуданд, ки он дар таърихи муносибатҳои ҳар ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг саҳифаҳои нав боз мекунад.

Маросими истиқбол бо гузориши командири қаровули фахрӣ ба меҳмони воломақом, садо додани сурудҳои миллии ҳар ду кишвар, гузаштан аз назди сафи қаровули фахрӣ, арзи эҳтиром ба Парчами давлатии Тоҷикистон ва шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб ҷараён гирифта, бо қадамзании мутантан ва гузаштани ҷузъу томҳои қаровули фахрӣ аз назди сарони ҳар ду давлат анҷом ёфт. Ҳамчунин, ба ифтихори ташрифи давлатии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон аз тӯпхонаҳо 21 маротиба шиллик парронда шуд.

**16-уми январи соли ҷорӣ баррасии маҷмуи васеи масоили вобаста ба таҳкиму густариши робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон дар мулоқоти хосаи сарони ҳар ду давлат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Масъуди Пизишкиён оғоз ёфта, дар музокироти расмӣ бо иштироки ҳайатҳои ҳар ду ҷониб дар Қасри миллат идома ёфт.**

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмони воломақомро самимона хайрамақдам гуфта, аз ҷумла зикр намуданд, ки «мардумони Тоҷикистону Эронро муштаракоти безаволи таърихию фарҳангӣ ва тамаддунӣ ба ҳам мепайванданд».

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО МАСЪУДИ ПИЗИШКИЁН

**16-уми январи соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Президенти Ҷумҳури Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён, ки бо сафари давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштанд, мулоқот намуданд.**



Дар оғози суҳбат Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиёнро ба Тоҷикистон самимона хайрамақдам гуфтанд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки сафари нахустини давлатии Президенти кишвари дӯсту бародари Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён ба Тоҷикистон дар рушду тавсеаи муносибатҳои дӯстона ва раванди ҳамкориҳои судманди ҳар ду кишвар такони ҷиддӣ мебахшад.

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо дар атрофи маҷмуи васеи масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон, аз ҷумла дар бахшҳои тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ, инчунин, дар самти робитаҳои байнипарлументӣ мубодилаи афкор намуданд.

Ҳамчунин, зимни воҳӯрӣ масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайни минтақавӣ ва байналмилалӣ баррасӣ карда шуданд.

**www.majmilli.tj**



## СУҲБАТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО МАСЪУДИ ПИЗИШКИЁН

**16-уми январи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуди Пизишкиён, ки бо сафари давлатӣ дар шаҳри Душанбе қарор доштанд, бо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода мулоқот намуданд.**

Дар мулоқот таъкид гардид, ки самараи дӯстию бародарии сарони ҳар ду давлати ҳамзабону ҳамфарҳанг аст, ки имрӯз дар ҳама самтҳо пешравиҳои назаррас дида мешаванд.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамкории байнипарлумонии дуҷониба ва бисёрҷониба таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд.

Иттилоъ дода шуд, ки байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Гурӯҳи дӯстӣ ташкил шудааст ва пайваста тавассути он масъалаҳои марбут ба қонунгузорӣ пайгирӣ мегарданд. Аз ҷумла, соли 2011 Ёддошти тафоҳум ба имзо расонида шуд. Ин санад барои тақвияти ҳамкории байнипарлумонӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангии ҳар ду давлат дар сатҳи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон заминаи воқеӣ гузошт.

Зарур шуморида шуд, ки санадҳои байнипарлумонии амалкунанда бозбинӣ гарданд, барои такмили онҳо ва пешниҳоди санадҳои нав, ҳамчунин, ба талаботи замони муосир мувофиқ кардани онҳо тадбирҳои нав андешида шаванд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**

## КМИР ХАБАР МЕДИҲАД

**16-уми январи соли 2025 дар Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласа баргузор гардид.**

Марҳилаи пешбарии рӯйхати номзадҳо ба ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ва номзадҳо ба вакилӣ дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расид. Вобаста ба ин дар ҷаласаи КМИР масъалаи мутобиқати пешбарии рӯйхати номзадҳо аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Тартиби пешбарии рӯйхати номзадҳо ба талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ дониста шуда, бо қарори КМИР рӯйхати номзадҳои пешбаринамудаи Ҳизби аграрии Тоҷикистон дар ҳайати 13 нафар, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон дар ҳайати - 13, Ҳизби демократи Тоҷикистон дар ҳайати - 4, Ҳизби сотсиалисти Тоҷикистон дар ҳайати - 6, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон дар ҳайати - 6 ва Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳайати 28 нафар тасдиқ карда шуд.

Бо мақсади огоҳонӣ ва шиносоӣ пайдо намудани интихобкунандагон бо нафарони мувофиқи рӯйхати номзадҳо аз ҳизбҳои сиёсӣ пешбаригардида ва дар ҳавзаҳои якмандатии интихобот ба қайд гирифташуда бо қарори Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакл ва ҳаҷми плакати иттилоотии рӯйхати номзадҳо аз ҳизбҳои сиёсӣ аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ва номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи якмандатии интихоботӣ тасдиқ карда шуданд.

Ҳамчунин, бо қарорҳои дахлдори КМИР барои таъмини шароити баробар барои ҳамаи номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ дар ташвиқоти пешазинтихоботӣ тартиби истифодаи воситаҳои ахбори омма аз ҷониби онҳо дар ин раванд низ тасдиқ карда шуд.

**Ш.СОЛЕҲ, «Садои мардум»**

Садои мардум


# МАСЪУДИ ПИЗИШКИЁН ДАР ТОҶИКИСТОН



(Идома аз саҳ. 1)

Таъкид гардид, ки «нақши муассири ин муштаракот дар таҳкими фазои ҳусни тафоҳум, эътимод ва эҳтироми ҳамдигарӣ миёни ҳар ду кишвари ба ҳам дӯсту ҳамкеш ва бародари мо сол ба сол бештар эҳсос мегардад». Аз сатҳу муҳтавои имрӯзаи муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Эрон изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Зимни музокирот маҷмуи васеи масоили вобаста ба тавсеаи ҳамкориҳо дар бахшҳои сиёсат, иқтисоду тиҷорат, сармоягузорию гардишгарӣ, амният, илму фарҳанг, тандурустӣ ва дигар ҷанбаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҳар ду ҷониб гуфтугӯи судбахш сурат гирифт.

Густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногуни саноат, аз ҷумла коркарди маъдан, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, хӯрокворӣ, доруворӣ, соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ ва истифодаи васеъ аз минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон, ҳамчунин, аз зарфиятҳои нақлиётию транзитии Эрон, бахусус бандарҳои Чобаҳор ва Бандар-Аббос, ба нафъи ҳар ду ҷониб номида шуд.

Зикр гардид, ки ҳоло дар Тоҷикистон 160 ширкат бо сармояи эронӣ фаъолият дорад ва соли 2024 ҳаҷми интиқоли молу коло нисбат ба ду соли пеш 3,2 баробар афзоиш ёфт.

Фаъолгардонии бештари Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ, кори мунтазами шуро ва Кумитаи муштараки соҳибкориву сармоягузорӣ, татбиқи ҳамаҷонибаи «Барномаи ҳамкории иқтисодиву тиҷоратӣ то соли 2030» ва нақшаи роҳи он муҳим дониста шуд.

Ба зарурати густариши робитаҳои байнипарлумонӣ ҳам таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид. Тавсеаи минбаъдаи равобити байнипарлумонӣ ангезаи муҳими қаробату наздикии бештари ҳар ду ҷониб арзёбӣ карда шуд.

Ҷонибҳо таҳкиму тавсеаи робитаҳои илмиву фарҳангиро муҳим дониста, алоқамандии худро ба роҳандозии иқдомҳои муштарак ҷиҳати ҳифзи арзишҳо ва мероси муштараки таърихиву фарҳангӣ ва тамаддунӣ иброз доштанд.

Табодули андешаҳо, ҳамчунин, атрофи мавзуъҳои гуногуни ҳамкорӣ доир ба масоили минтақавию ҷаҳонии мавриди таваҷҷуҳи ҳар ду кишвари дӯст ҷараён гирифт. Дар ин робита зарурати ҳамкории ҳамоҳанг дар минтақа ва ҷаҳон дар мубориза бо зуҳуроти номатлуби терроризму ифротгарой, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва киберӣ таъкид карда шуд.

**16-уми январи соли 2025 аз рӯйи натиҷаҳои мулоқоти музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Эрон бо иштирок ва дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён 23 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.**

Зери Баёнияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон сарони ҳар ду давлат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Масъуди Пизишкиён имзо гузоштанд.

Дигар санадҳои имзошуда инҳоянд:

- Барномаи ҳамкорӣ миёни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати умури хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Барномаи иҷрои ҳамкорӣ миёни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони банодир ва дарёнавардии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар рушди транзити бор тариқи бандари Чобаҳор;

- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мероси фарҳангӣ, гардишгарӣ ва саноеи дастии Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳунарҳои миллӣ ва муосир;

- Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат ва технологияҳои нав барои давраи солҳои 2025-2027;

- Ёддошти тафоҳум миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи муҳандисии генетика ва биотехнологияи Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳум миёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Пажӯҳишгоҳи муҳандисии генетика ва биотехнологияи Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Барномаи амалҳои муштарак ба Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони беҳзистии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар заминаҳои иҷтимоӣ ва ҳимоят аз гурӯҳҳои осебпазир;

- Ёддошти тафоҳум миёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва Пажӯҳишгоҳи муҳандисии генетика ва биотехнологияи Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳум миёни Маркази ҷумҳуриявии илмии хуни Тоҷикистон ва Созмони интиқоли хуни Эрон;

- Ёддошти тафоҳум дар заминаи беҳдошти чорво ва байторӣ миёни Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҷиҳоди кишоварзии Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳум миёни Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноиби Президент оид ба кор бо занон ва оилаи Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар самти занон ва оила;




- Ёддошти тафоҳум миёни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти генералии нозиротии Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар самти муқовимат ба коррупсия;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати иртиботот ва фанноварии иттилооти Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази омори Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони миллии стандарти Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соҳаи стандартизатсия ва метрология;

- Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ байни Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳуми омӯзишӣ миёни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маъмурияти гумруки Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳум миёни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи муҳандисии генетика ва биотехнологияи Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳум миёни Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони аснод ва китобхонаи миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази пажӯҳишии Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази таҳқиқоти илмии «Маҷмаи ҷаҳонии тақриби мазоҳиби исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон»;

- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати саҳомии намоишгоҳҳои байналмилалии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соҳаи намоишгоҳӣ.



Иштироки бевоситаи сарони ҳар ду давлат дар ин ҳамоиш худ бозгӯй аз аҳамияти бориз ва авлавият доштани робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва гардишгарӣ дар маҷмуи муносибатҳои гуногунҷанбаи ҳар ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг аст.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуди Пизишкиён, ҳайати ҳамроҳи ӯ ва ҷамъи тоҷирону соҳибкорон ва сармоягузорони эрониро ба Тоҷикистон ва ба ин ҳамоиши басо муҳим хайрамақдам гуфта, муҳимтарин имкону афзалиятҳои гардишгарӣ, сармоягузорӣ ва тиҷорат бо кишвари моро шахсан муаррифӣ намуданд.

Тавре зикр гардид, дар соли 2024 ҳаҷми тиҷорат миёни ҳар ду кишвар тақрибан то 50 дарсад нисбат ба соли 2023 афзоиш ёфт, ки «аз мавҷудияти зарфиятҳои кофӣ барои тавсеаи минбаъдаи робитаҳои иқтисодии ҳар ду ҷониб гувоҳӣ медиҳад».

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сарватҳои фаровони табиӣ, ба мисли об, маъданҳо, фулузоти нодир, имконоти беандозаи истеҳсоли «энергияи сабз» ва рушди «иқтисоди сабз», роҳандозии ҳамкориҳои судовар дар бахшҳои саноати кӯҳӣ, ғизоӣ, нассоҷӣ, кимиё, дорусозӣ, истеҳсоли маводи сохтмон, соҳаҳои энергетика, металлургӣ, мошинсозӣ, кишоварзӣ ва истифода аз зарфиятҳои зиёди гардишгарӣ ёдовар шуда, ҳозиринро ба ҳамкории самарабахш даъват намуданд.

Таъкид гардид, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорон 110 имтиёз ва сабукиҳои молиявию гумрукӣ, дар маҷмуъ, беш аз 240 номгӯи замонатҳои ҳуқуқӣ муқаррар намудааст.

Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуди Пизишкиён низ дар навбати худ омодагӣ ва алоқамандии ҳукумат ва доираҳои соҳибкорию сармоягузории Эронро ба таҳким ва густариши робитаҳо бо Тоҷикистон таъкид намуда, ҳар ду ҷонибро ба дарёфти роҳҳои наву судовари ҳамкорӣ даъват намуданд.

Қобили зикр аст, ки Ҳамоиши тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва гардишгарии Тоҷикистон ва Эрон рӯзи 15 январ бо муколамаи намояндагони бахши хусусии ҷонибҳо оғоз ёфта, 16 январ бо ҳузури сарони давлатҳо идома ва ҳусни анҷом ёфт. Аз рӯйи натиҷаҳои чорабиниҳои мазкур 13 санади ҳамкорӣ байни соҳибкорону сармоягузорони Тоҷикистон ва Эрон ба маблағи зиёда аз 450 миллион доллари ИМА ба имзо расонида шуд.

**16-уми январи соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён пас аз мулоқоту музокирот ва маросими имзои санадҳо барои воситаҳои ахбори омма нишасти матбуотӣ оростанд.**

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷараён ва натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олӣ ва раванди таҳкиму густариши робитаҳои Тоҷикистону Эрон дар ҳамаи ҷанбаҳои мавриди назар изҳори қаноат карданд. Аз ҷумла, аз лағви низоми раводид миёни ҳар ду кишвар истиқбол намуда, таъкид доштанд, ки ин иқдом барои густариши робитаҳо дар ҳамаи самтҳо судбахш хоҳад буд.

Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуди Пизишкиён дар навбати худ аз фазои гарми истиқболу меҳмоннавозии ҷониби мо ва ҷараёни нахустин боздидашон аз Тоҷикистон, ки ба унвони сафари давлатӣ сурат мегирад, баҳои баланд дода, изҳори бовар намуданд, ки татбиқи натиҷаҳои он барои ҳар ду ҷониб пурсамар хоҳад буд.

**Нимаи дуюми рӯзи 16-уми январи соли ҷорӣ дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бинои «Маркази ош»-и шаҳри Душанбе Ҳамоиши тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва гардишгарии Тоҷикистон ва Эрон баргузор гардид, ки дар кори он сарони ҳар ду давлат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Масъуди Пизишкиён иштирок ва суханронӣ намуданд.**

**www.prezident.tj**



# СУХАНРОНИИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти матбуотӣ пас аз музокирот бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуди Пизишкиён

**16-уми январи соли 2025, шаҳри Душанбе**

**Муҳтарам намояндагони васоити ахбори омма,**

Дар оғоз бори дигар ташрифи меҳмони гиромӣ, Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён ва ҳайати ҳамроҳашонро ба Тоҷикистон самимона хайрамақдам мегӯям.

Мо таваҷҷуҳи хосаи Ҷумҳурии Исломии Эронро нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр мекунем. Музокироту вохӯриҳои имрӯза мисли ҳамеша дар фазои дӯстона, ҳусни тафоҳум, эътимод ва эҳтироми ҳамдигарӣ сурат гирифтанд.

Дар ҷараёни мулоқоти хоса ва васеъ бо иштироки ҳайатҳо маҷмуи васеи масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҳар ду кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар фарҷоми музокирот як силсила санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд, ки заминаи ҳуқуқии муносибатҳои ҳар ду ҷонибро такмил медиҳанд.

Ҷониби Тоҷикистон натиҷаҳои муколамаи имрӯзаи сатҳи олиро баланд арзёбӣ мекунад. Итминон дорам, ки мувофиқаҳои ҳосилшуда барои идомаи густариши робитаҳои ҳар ду кишвар дар соҳаҳои гуногун заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Мо ҷонибдории худро аз идомаи муколамаи созандаи сиёсии байни ҳар ду давлат дар сатҳҳои мухталиф иброз доштем.

Кишвари мо аз густариши равобити байнипарлумонӣ, табодули сафарҳои расмии роҳбарони парлумонҳои ҳар ду кишвари дӯст ва фаъолияти гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ изҳори ризоият намуд. Ҳамзамон бо ин, таъкид гардид, ки соҳаҳои тиҷорату иқтисод аз ҷумлаи самтҳои дорои авлавият дар муносибатҳои дуҷонибаи мо маҳсуб меёбанд. Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир муомилоти тиҷоратии дуҷониба суръати тоза пайдо карда, соли гузашта ба зиёда аз панҷоҳ фоиз афзоиш ёфт.

Зимнан, тақвияти фаъолияти абзорҳои дуҷониба, аз ҷумла Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ, ҳамчунин, шуро ва Кумитаи муштараки соҳибкориву сармоягузорӣ, муҳим арзёбӣ гардид.

Ҷониби Тоҷикистон зарурати саъю талоши бештари ниҳодҳои дахлдори ҳар ду кишварро дар татбиқи ҳамаҷонибаи «Барномаи дарозмуддати ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ то соли 2030» ва нақшаи роҳи он зикр кард.

Мо алоқамандии худро ба рушди ҳамкориҳо дар самти сармоягузорӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон иброз доштем. Дар ин замина истифодаи васеъ аз имконоти минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон ба манфиати ҷонибҳо дониста шуд.

Ҷониби мо, инчунин, аз зарфиятҳои фаровони бахшҳои саноати маъдан, сохтмон, хӯрока, дорусозӣ, соҳаҳои энергетика, нақлиёт, фанноварӣ, кишоварзӣ ва соҳаҳои дигари мавриди таваҷҷуҳ ёдовар шуд.

Дирӯз дар шаҳри Душанбе дар ҳошияи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён муколамаи намояндагони бахши хусусии ҳар ду кишвар баргузор гардид. Дар чорчӯбаи он ҷонибҳо 13 санади ҳамкориро ба маблағи беш аз 450 миллион доллар ба имзо расониданд, ки худ боз як нишонаи мавҷуд будани имкониятҳои фарох барои ҳамкории соҳибкорон ва сармоягузорони мо дар самтҳои мазкур мебошад.

Кишвари мо ба рушди бештари ҳамкориҳои дуҷониба дар бахши энергетика ва зарурати роҳандозии иқдомҳои муассир дар ин ҷода таъкид кард. Дар рафти музокирот ба тамоюли афзоиши интиқоли молу коло миёни ҳар ду кишвар дар солҳои охир ишора гардид. Вобаста ба ин, зарурати истифодаи самарабахш аз зарфиятҳои бузурги нақлиётиву транзитии ҷонибҳо мавриди таъкид қарор гирифт. Ҳамчунин, роҷеъ ба истифодаи зарфиятҳои бандарҳои Чобаҳор ва Бандар-Аббос ба унвони заминаи мусоиди ҳамлу нақли молу маҳсулот табодули назар анҷом ёфт.

Ҷониби мо тақвияти ҳамкориҳо дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус, дар бахшҳои боғпарварӣ, таъсиси ниҳолхонаҳо ва истифодаи технологияҳои муосири обёриро ба нафъи кор донист.

Зимни истиқбол аз лағви низоми раводид байни ҳар ду кишвар, нақши таъсиргузори ин иқдом ба рушди соҳаи гардишгарӣ зикр гардид.

Мо зарурати ҳамкории боз ҳам бештарро дар соҳаи тиб, бахусус рушди бахши дорусозии муштарак ва бозомӯзии мутахассисони соҳа, муҳим арзёбӣ кардем.

Бо таваҷҷуҳ ба муштаракоти зиёди таърихиву фарҳангӣ ва забонӣ тавсеаи беш аз пеши равобит дар соҳаҳои илму фарҳанг ва омӯзишу пажӯҳиш зарур дониста шуд.

Бо дарназардошти вазъи ҳассоси имрӯза дар ҷаҳон ва минтақа аҳамияти ҳамкориҳо дар соҳаи амният мавриди таъкид қарор гирифт. Дар ин замина зарурати тақвияти ҳамкориҳо дар роҳи мубориза бо зуҳуроти терроризму ифротгарой, инчунин, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои сойберӣ ба манфиати ҳар ду кишвар ва минтақа маънидод гардид.

Мо аҳамияти ҳамоҳангиҳои муштаракро барои расонидани кумакҳои мавриди ниёз ба мардуми Афғонистон ва мусоидат дар истиқрори сулҳу субот дар ин кишвари ҳамсоя таъкид кардем. Ҷониби Тоҷикистон аз идомаи вазъи фоҷеабор дар Навори Ғазза изҳори нигаронӣ кард. Вобаста ба ин, зарурати андешидани чораҳои фаврии ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати хотимаи нооромиҳо дар Ховари Миёна таъкид карда шуд. Дар робита ба ин, Тоҷикистон ҷонибдории худро аз татбиқи қатъномаҳои марбутаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба қазияи Фаластин ва риояи ҳуқуқи байналмилалӣ бори дигар изҳор намуд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷараёни музокирот мо аз ҳолат ва раванди шарикӣ бо Эрон дар доираи ниҳодҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ изҳори ризоият кардем.

Омодагии ҷониби худро ҷиҳати идомаи ин раванд иброз доштем.

Тоҷикистон ба кишвари дӯст барои дастгирии доимӣ аз ташаббусҳои байналмилалии худ, аз ҷумла дар мавзуи обу иқлим сипосгузорӣ намуд.

Дар маҷмуъ, мо натиҷаҳои сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷаноби Масъуди Пизишкиёнро ҳамчун оғози марҳалаи ҷадид дар рушду тавсеаи муносибатҳои гуногунҷанба бо ин кишвари дӯсту бародар арзёбӣ менамоем.

Дар фарҷоми сухани худ ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, сиҳатмандиву комёбиҳо ва ба мардуми дӯсту бародари Эрон сулҳу осоиш ва пешрафти рӯзафзун орзу менамоям.

# «ЭНЕРГИЯИ САБЗ»-И ТОҶИКИСТОН МЕТАВОНАД БА НАФЪИ ЭРОН ИСТИФОДА ШАВАД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҳамоиши тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва гардишгарии Тоҷикистон ва Эрон**

**16-уми январи соли 2025, шаҳри Душанбе**

**Раиси муҳтарами Ҷумҳурии Исломии Эрон,**

**Ҷаноби Олӣ Масъуди Пизишкиён, бародари азиз,**

**Хонумҳо ва ҷанобон,**

Ҳузури Шуморо дар Ҳамоиши тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва гардишгарии Тоҷикистон ва Эрон хайрамақдам мегӯям.

Мусаллам аст, ки бахшҳои тиҷорату иқтисод дар таҳкими дӯстию шарикии мардумони кишварҳои мо нақши хеле муҳим доранд.

Афзоиши ҳаҷми тиҷорат миёни ҳар ду кишвар тақрибан то 50 дарсад дар соли гузаштаи мелодӣ дар муқоиса бо соли 2023 аз мавҷудияти зарфиятҳои кофӣ барои тавсеаи минбаъдаи робитаҳои иқтисодии ҳар ду ҷониб гувоҳӣ медиҳад.

Музокироту суҳбатҳои имрӯзаи мо бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Масъуди Пизишкиён бори дигар нишон доданд, ки ҷонибҳо хостори пешбурди воқеии робитаҳои худ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоду тиҷорат мебошанд.

Ҷониби Тоҷикистон аз раванди идомадори муколамаи созандаи сиёсӣ миёни ҳар ду кишвар изҳори ризоият менамояд. Дар баробари ин, мо алоқамандии худро ба густариши ҳамкориҳо дар бахшҳои тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ ва гардишгарӣ иброз медорем.

Татбиқи тарҳҳои Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», нақби «Истиқлол» ва чанде аз лоиҳаҳои дигари хурду миёна аз дастовардҳои муҳими ҳамкориҳои иқтисодиву сармоягузории Тоҷикистону Эрон ҳастанд. Ин дастовардҳо, бешубҳа, ба таҳкими дӯстӣ ва рафоқат миёни ҳар ду кишвар ва ду миллат мусоидат мекунанд.

Итминон дорем, ки татбиқи амалии «Барномаи ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ байни Тоҷикистону Эрон то соли 2030» натиҷаҳои назаррас ба бор хоҳад овард.

Дар пешбурди ҳамкориҳои дуҷонибаи мо Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ, ҳамчунин, дигар абзорҳои муштараки ҳамкорӣ, бахусус Шурои соҳибкорон ва Кумитаи муштараки сармоягузорӣ, метавонанд нақши муҳим дошта бошанд.



Рӯзи гузашта дар ҳошияи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён дар шаҳри Душанбе муколамаи намояндагони бахши хусусии ҳар ду кишвар доир гардид.

Дар чорчӯби ин ҳамоиш ҳар ду ҷониб 13 санади ҳамкориро ба маблағи беш аз 450 миллион доллар ба имзо расониданд, ки худ боз як гувоҳи мавҷудияти имкониятҳои фарох барои ҳамкориҳои доираҳои соҳибкорӣ ва сармоягузории кишварҳои мо мебошад.

**Дӯстони гиромӣ,**

Тоҷикистон бо сарватҳои табиии фаровон, аз ҷумла захираҳои об, бо имконоти бузурги гидроэнергетикӣ, маъданҳо, фулузоти нодир ва зарфиятҳои зиёди гардишгарӣ дорои шароити муносиби сармоягузорӣ мебошад.

Ҳукумати Тоҷикистон дар «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро яке аз ҳадафҳои сиёсати иқтисодии худ эътироф намудааст. Ҳамзамон, дар ин санад ба масъалаи ширкати фаъоли бахши хусусӣ дар раванди ҷалби сармояи хориҷӣ аҳамияти хоса дода шудааст.

Ба андешаи мо, яке аз ангезаҳои муҳими сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ин имкони пешбурди тиҷорат ва сармоягузорӣ мутобиқ ба тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ ҷиҳати гузаштан ба «иқтисоди сабз» мебошад. Вобаста ба ин зарфиятҳои гидроэнергетикии кишвари мо, ки яке аз манбаъҳои асосии истеҳсоли «энергияи сабз» ба шумор меравад, имконоти фаровонро пешниҳод мекунад.

Тоҷикистон аз рӯи захираҳои умумии гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон ҷойи ҳаштум ва аз ҷиҳати ҳиссаи хоси онҳо ба ҳар сари аҳолӣ ҷои дуюмро ишғол менамояд. Имрӯз ҳамагӣ панҷ дарсади ин зарфият мавриди истифода қарор гирифтааст ва 98 дарсади неруи барқи Тоҷикистон аз манбаъҳои барқароршаванда истеҳсол мегардад. Аз рӯи ин нишондиҳанда Тоҷикистон дар ҷаҳон дар ҷойи шашум қарор дорад.

Тоҷикистон нақша дорад, ки дар ояндаи наздик истеҳсоли энергияро, тибқи талаботи меъёрҳои ҳифзи муҳити зист, то ду баробар афзоиш диҳад. Итминон дорем, ки иқтидори бузурги «энергияи сабз»-и Тоҷикистон дар оянда метавонад на танҳо ба нафъи мо, балки дигар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Эрон, истифода шавад.

**Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш,**

Мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳамчун ҳадафи роҳбурдӣ (стратегӣ) интихоб намудем. Кишварҳои ҳавасманд метавонанд дар бахшҳои гуногуни саноат ҳамкориҳои судмандро бо Тоҷикистон ба роҳ монанд. Дар ин радиф, саноати кӯҳӣ, металлургӣ, мошинсозӣ, ғизоӣ ва бофандагӣ, кимиё ва дорусозӣ, инчунин, истеҳсоли масолеҳи сохтмон аз ҷумлаи самтҳои мавриди таваҷҷуҳ ба ҳисоб мерав珍 бинобар ин, бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда дар ин соҳаҳо ба нафъи ҳар ду ҷониб хоҳад буд.

Дар баробари ин, бахши кишоварзии Тоҷикистон, бо назардошти иқлими мусоид ва захираҳои фаровони об, яке аз самтҳои ояндадор ба шумор меравад.

Ҳамкорӣ дар самтҳои парвариш, коркард ва содироти меваю сабзавот, панба (пахта) ва пиллаи абрешим, соҳаҳои боғдорӣ, асалпарварӣ ва чорводорӣ аз лиҳози иқтисодӣ судовар хоҳад буд. Дар ин замина, таъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои содирот ва марказҳои логистикӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

Мо, инчунин, барои ҳамкориҳои судманд бо сармоягузорони эронӣ дар рушди бахшҳои молиявӣ ва бонкдорӣ манфиатдор ҳастем.

Соҳаи гардишгарӣ низ яке аз бахшҳои муҳими ҳамкориҳои ҳар ду кишвар арзёбӣ мегардад. Мо барои рушди инфрасохтори гардишгарӣ ва истифодаи иқтидори бузурги он, бахусус гардишгарии кӯҳнавардӣ, экологӣ ва солимгардонӣ, ҳавасмандем.

Ҷорӣ намудани низоми лағви раводид барои шаҳрвандони ҳар ду кишвар дар муддати 30 рӯз заминаи мусоидро барои рушди ҳамкориҳои ҷонибҳо дар ин соҳа фароҳам овардааст.

**Дӯстони гиромӣ,**

Дар баробари имконоту зарфиятҳои мавҷуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорон 110 имтиёз ва сабукии молиявию гумрукӣ, дар маҷмуъ, беш аз 240 номгӯи замонати ҳуқуқиро муқаррар намудааст. Ҳамчунин, дар панҷ минтақаи озоди иқтисодии Тоҷикистон барои фаъолияти сармоягузориву соҳибкорӣ шароити мусоид пешбинӣ гардидааст.

Ширкатҳои эронӣ метавонанд аз имконоти ин минтақаҳо бо ҳадафи рушди фаъолияташон дар Тоҷикистон истифода намоянд.

Дар Тоҷикистон имрӯз фазои муносиби иқтисодӣ барои сармоягузорон фароҳам оварда шудааст ва бо истифода аз фурсат ҳамаи шуморо барои ҳамкориҳои созанда ва роҳандозии тарҳу барномаҳои нав даъват менамоям.

Ҳадафи умумии мо бояд таҳкими шарикии боэътимод ба хотири таъмини рифоҳу фардои шоистаи кишварҳо ва мардумонамон бошад, ки аз муштаракоти забонӣ ва таърихиву фарҳангӣ бархӯрдоранд.

Итминон дорам, ки натиҷаҳои нишасти имрӯза ба таҳкиму густариши минбаъдаи ҷанбаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва гардишгарии ҳамкориҳои ҳар ду кишвари дӯсту бародар мусоидати муассир хоҳад кард.

Бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи шумо, меҳмонони арҷманд, муколамаи созанда ва иқомати бофароғатро дар Тоҷикистон орзу дорам.

(Идома аз саҳ. 1)

# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ба таъкиди Сарвазири кишвар дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 153,4 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2023 -юм 22,6 млрд. сомонӣ зиёд мебошад. Таваррум дар сатҳи 3,6 фоиз нигоҳ дошта шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2023 -юм 0,2 банди фоизӣ кам мебошад.

Соли гузашта нақшаи қисми умумии даромади буҷети давлатӣ иҷро гардида, воридоти маблағҳо ба буҷет 46,9 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 1,8 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2024 нақшаи ҷамъоварии андозу пардохтҳо аз ҷониби Кумитаи андоз дар сатҳи 105,3 фоиз ё 20,4 млрд. сомонӣ ва Хадамоти гумрук 106,8 фоиз ё 9,7 млрд сомонӣ таъмин гардид, ки нисбат ба нақша мутаносибан 1 млрд. 18 млн. сомонӣ ва 618 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Зикр гардид, ки ба қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ 3,8 млрд. сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 9,4 фоиз зиёд мебошад.

Сарвазири кишвар иброз доштанд, ки дар соли ҳисоботӣ суръати рушди соҳаи саноат 20 фоиз таъмин ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 53,8 млрд. сомонӣ баробар гардид.

Соли 2024 дар ҳудуди кишвар 740 корхонаву коргоҳҳои нави истеҳсолӣ, аз ҷумла 528 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси наздики 20 ҳазор ҷойҳои кории нав, иловагӣ ва барқароршуда мавриди истифода қарор дода шуд.

Таъкид гардид, ки бо мақсади таъмини устувории низоми энергетикии кишвар ва истифодаи самараноки манбаъҳои барқароршавандаи неруи барқ дар соли сипаришуда корҳо дар доираи 18 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ барои бунёд ва таҷдиди неругоҳҳои барқӣ, кам намудани талафоти неруи барқ ва ҷорӣ намудани низоми биллингии он, электрификатсияи деҳот, бунёди хатҳои интиқол ва тақсимоти барқ ва солимгардонии вазъи молиявии соҳа ба маблағи умумии 1,7 млрд. доллар ба роҳ монда шуд.

Соли ҳисоботӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 74 млрд. сомонӣ расонида шуда, суръати афзоиши он ба 10,6 фоиз, аз ҷумла растанипарварӣ 13,4 фоиз ва чорводорӣ 4,9 фоиз, баробар гардид.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ тайи солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати кишвар бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар самти рушди истеҳсолоти дохилӣ як қатор тадбирҳо андешида шуд.

Тибқи маълумоти пешакӣ дар соли 2024 ба кишвар 4,9 млрд. доллар сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба соли 2023 -юм 2,1 млрд. доллар ё 73 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2024 маҷмуи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар кишвар 90 адад ва ҳаҷми маблағи онҳо 51,9 млрд. сомониро ташкил намуд.

Дар натиҷаи андешидани чораҳои амалӣ соли 2024 гардиши савдо 13,6 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми он ба 65,8 млрд. сомонӣ баробар гардид.

Сарвазири кишвар изҳор доштанд, ки дар давраи ҳисоботӣ шумораи муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ ба 744 адад расид, ки дар муқоиса ба соли 2023-юм 27 муассиса зиёд мебошад. Шумораи марказҳои инкишофи барвақтии кӯдак бошад, дар ин давра 503 адад зиёд шудааст.

Соли 2024 дар ҷумҳурӣ 273 адад муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бинову синфхонаҳои иловагӣ барои 57 610 ҷойи нишаст дар як баст бунёд гардид. Дар маҷмуъ, 2 миллиону 357 ҳазор хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуд. Соли ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 65 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият намуд, ки дар онҳо аз рӯйи 14 самт ва 135 ихтисос 23 ҳазору 500 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.



Таъкид гардид, ки бо мақсади рушди соҳаи тандурустӣ ва сари вақт бартараф намудани мушкилоти мавҷуда соли 2024 аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои рушди соҳа 3,7 млрд. сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2023-юм 12,6 фоиз зиёд мебошад.

Гуфта шуд, ки дар сиёсати давлати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад.

Давоми соли 2024 бо мусоидати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, аз ҷумла тавассути ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ, 22,5 ҳазор нафар ба намудҳои гуногуни шуғл таъмин гардида, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 247 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шуд, ки аз ин 74 ҳазор доимӣ мебошад.

Тавре зикр гардид, пешравиҳо дар самти рушди сайёҳӣ, тарғибу ташвиқ ва ривоҷ додани ҳунарҳои мардумӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, гуфта шуд, ки дар соли 2024-ум 1,4 млн. сайёҳ ба Тоҷикистон ташриф овардаанд.

Таъкид гардид, ки дар ин давра дар самти баргузории чорабиниҳои фарҳангиву оммавӣ ва маърифатӣ фаъолияти сохторҳои давлатӣ тақвият дода шуд.

Бахусус баргузории барномаи фарҳангӣ бахшида ба бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО, инчунин, ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид гардидани «Ҷашни Меҳргон» ва «Санъати сохту навохтани рубоб» аз қабили рӯйдодҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

Дар идомаи маҷлиси васеи Ҳукумати кишвар ҳисоботи вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири рушди иқтисод ва савдо Завқӣ Завқизода, раиси Кумитаи андоз Нусратулло Давлатзода, сардори Хадамоти гумрук Хуршед Каримзода ва директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа Дилмурод Давлатзода шунида шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони вазорату идораҳои самти иқтисод ва молия дар пайи ҳисоботашон доир ба дарёфти сарчашмаҳои нави даромад ба буҷети давлатӣ супоришҳои мушаххас доданд.

Доир ба фаъолияти мақомоти назоративу санҷишӣ дар самти пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ, бартарафсозии қонуншиканиҳо дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва риояи ҳатмии қонунҳои амалкунандаи кишвар прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Сулаймон Султонзода ва раиси Палатаи ҳисоб Қарахон Чиллазода ҳисобот доданд.

Дар идомаи маҷлис раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Султон Раҳимзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, раиси КВД БА ҶТ «Амонатбонк» Алиҷон Салимзода, вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир, вазири кишоварзӣ Қурбон Ҳакимзода, вазири энергетика ва захираҳои об Далер Ҷумъа оид ба рафти иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазъи рушди соҳаҳо ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузориш доданд.

Зимни ҳисоботи вазири кишоварзӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ривоҷ додани бахши пахтакорӣ, ки яке аз манбаъҳои асосии таъмини ашёи хом барои саноати сабук ва ҷойҳои фаровони корӣ барои мардум аст, ба масъулони сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ супоришҳои қатъӣ доданд. Ҳамчунин, супоришҳои мушаххас доир ба рушди соҳаи саноат, аз ҷумла иҷрои ҳадафҳои солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат», дигар барномаҳои давлатӣ, афзун намудани иқтидорҳои истеҳсоли неруи барқ ва кам кардани талафоти барқ дода шуд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаи корҳо дар соли 2024, ҳамчунин, ҳисоботи вазири нақлиёт Азим Иброҳим ва раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист Баҳодур Шерализода шунида шуд.

Ба масъулини соҳаҳо супориш дода шуд, ки барои суръат бахшидани раванди рақамикунонии соҳаи нақлиёт, роҳандозии инфрасохтор барои нақлиёти барқӣ ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим, беҳдошти



вазъи экологӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигар масъалаҳои марбут ба бахшҳо чораҳои бетаъхир андешанд.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни ҳисоботашон изҳор доштанд, ки соли 2024 аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии кишвар ва дар ин замина, баланд бардоштани некуаҳволии сокинони пойтахт, инчунин, ба марҳалаи нави рушд ворид намудани шаҳри Душанбе як қатор иқдомоти созанда амалӣ гардид.

Соли 2024 маҷмуи маҳсулоти дохилии пойтахт ба 31,3 миллиард сомонӣ расида, суръати афзоиши он нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз афзоиш ёфт. Ҳиссаи пойтахт дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар 20,4 фоизро ташкил кард.

Корхонаҳои саноатии шаҳри Душанбе дар ин давра ба маблағи 5,2 миллиард сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд ва суръати рушд нисбат ба соли гузашта 25 фоиз афзоиш ёфт. Ҳаҷми содироти корхонаҳои шаҳр ба хориҷи кишвар ба беш аз 170 миллион сомонӣ расонида шуд.

Ба таъкиди Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, соли сипаришуда дар пойтахт 141 коргоҳу корхонаи истеҳсолӣ бо беш аз 7600 ҷойи кории нав ба фаъолият шурӯъ намуд.

Соли 2024 дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоии шаҳр аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо зиёда аз 43 ҳазор ва дар зарфи 8 соли охир беш аз 280 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд.

Гуфта шуд, ки дар чор соли фаъолияти Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ барои амалисозии 62 лоиҳаи соҳибкорони истеҳсолӣ беш аз 302 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд ва бо истифода аз қарзҳои додашуда то имрӯз 60 коргоҳу корхонаи истеҳсолӣ бо таъсиси беш аз 2 ҳазор ҷойи нави корӣ бунёд ёфт.

Зикр гардид, ки тибқи нақшаи чорабиниҳо ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 4 ҳазору 337 тадбир амалӣ гардида, беш аз 14 ҳазор ҷойи кории нав муҳайё карда мешавад.

То имрӯз 2 ҳазору 464 тадбир, аз ҷумла бунёди 37 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва томактабӣ, 21 муассисаи тандурустӣ, 56 коргоҳу корхонаи саноатӣ, 44 километр роҳ, 9 иншооти варзиш, 5 меҳмонхона ва иншооти дигар бо таъсиси зиёда аз 8 ҳазор ҷойи нави корӣ амалӣ карда шуд.

Таъкид гардид, ки соли 2024 дар корхонаҳои барқу гармидиҳӣ 1,7 миллиард киловатт - соат неруи барқ истеҳсол карда шуд, ки нисбат ба соли гузашта 31 фоиз зиёд мебошад. Барои эҳтиёҷоти шаҳр 4,2 миллиард киловатт-соат неруи барқ истифода гардид, ки ин нишондиҳанда, нисбат ба соли гузашта 535 миллион киловатт-соат зиёд аст.

Маблағи умумии барқи истифодашуда 1,5 миллиард сомониро ташкил дода, ҷамъоварии маблағи он ба 96 фоизи нақша баробар гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо ба 6,1 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра сармоягузории мустақим ба иқтисодиёти шаҳр ба як миллиард сомонӣ баробар гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2023-юм 320 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Соли 2024 беш аз 635 ҳазор метри мураббаъ ва дар ҳашт соли охир зиёда аз 3 миллион метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ва марказҳои савдову хизматрасонӣ ба истифода супорида шуд.

Соли сипаришуда барои иҷрои корҳои сохтмону лоиҳакашӣ 927 миллион сомонӣ маблағҳои буҷетӣ равона гардида, як қатор иншооту инфрасохтори соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва шабакаҳои муҳандисӣ ба таври замонавӣ тарҳрезӣ ва навсозӣ гардиданд.

Давоми соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар шаҳри Душанбе 32 километр роҳҳо ба маблағи 617 миллион сомонӣ сохтмону навсозӣ шуда, зарфи 8 соли охир дар пойтахт 192 километр роҳҳо ба маблағи беш аз 3 миллиард сомонӣ навсозӣ гардид.

Бо мақсади гузариш ба «иқтисоди сабз» соли 2024-ум 30 электробус ба истифодаи сокинон қарор дода шуд ва харидории боз 60 электробус дар назар аст. Барои татбиқи консепсияи нақлиёти барқӣ якҷо бо ширкатҳои кироякаш ва соҳибкорон 4350 мошини барқӣ ворид гардида, парки нақлиётии ширкатҳои кироякаш пурра ба нақлиёти барқӣ гузаронида шуд.

Буҷети шаҳр дар соли 2024 ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ ё 11 фоиз барзиёд иҷро гардид, ки нисбат ба нақша 452 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Соли 2024 ба иқтисоди пойтахт 4,7 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб гардида, дар ҳашт соли охир ин рақам ба 30 миллиард сомонӣ расид.

Ҳоло дар пойтахт амалисозии 17 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 3,2 миллиард сомонӣ идома дорад, ки дар доираи онҳо то имрӯз корҳо дар ҳаҷми беш аз 2,3 миллиард сомонӣ анҷом дода шудааст.

«Масъалаҳои беҳтар намудани шароити муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим, сатҳи дониши хонандагон ва савияи касбии омӯзгорон таҳти ғамхориву дастгирии доимии роҳбарияти шаҳр қарор дорад», - иброз доштанд Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ.

Ба ин хотир соли 2024 дар шаҳри Душанбе 7 муассисаи таълимӣ бо 13 ҳазору 620 ҷойи нишаст ва 3 муассисаи томактабӣ барои беш аз 500 тарбиятгиранда сохта, ба истифода дода шуд.

Дар 8 соли охир, 53 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 96 700 ҷойи нишаст ва 25 муассисаи томактабӣ барои 4 ҳазору 800 тарбиятгиранда бунёд карда шуд. Ҳоло дар шаҳр сохтмони боз 21 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 40 ҳазор ҷойи нишаст дар ду баст ва 60 муассисаи томактабӣ барои беш аз 12 ҳазор тарбиятгиранда бомаром идома дорад.

Гуфта шуд, ки соли 2025 дар пойтахт боз 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 13 ҳазору 520 ҷойи нишаст дар ду баст ва 9 муассисаи томактабӣ барои 2280 тарбиятгиранда бунёд карда мешавад.

Соли ҳисоботӣ муассисаҳои тиббии шаҳр дар доираи 12 барномаи давлатии соҳаи тандурустӣ ба маблағи 21 миллион сомонӣ бо таҷҳизоту дастгоҳҳои пешрафтаи тиббӣ таъмин гардид.

Бо мақсади татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, рушди тарбияи ҷисмонӣ ва оммавигардонии варзиш дар ин давра нахустин мусобиқаи байналмилалии Гран-слам оид ба гӯштини ҷудо, нахустин Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштингирӣ, нахустин Чемпионати ҷаҳонии ҷудо миёни ҷавонони то 21-сола ва нахустин Чемпионати ҷаҳон оид ба самбо бо иштироки варзишгарон аз 167 давлати дунё баргузор карда шуд.

Таъкид карда шуд, ки бо мақсади сабзу хуррамгардонии шаҳр соли сипаришуда беш аз 400 ҳазор бех дарахту бутта ва 19 миллион бех гули мавсимию бисёрсола шинонида шуд.

Дар нақша аст, ки дар мавсими ниҳолшинонии зимистони соли 2024 ва баҳори соли 2025 тавассути ҳашари умумишаҳрӣ боз беш аз 600 ҳазор бех дарахти ороишию сояафкан шинонда шавад.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот, раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар соли 2024 ҳисобот доданд.

Таъкид шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ иҷрои нақшаи буҷети маҳаллии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз рӯи даромадҳои худӣ ба андозаи 107,9 фоиз иҷро шуд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ диққати зарурӣ дода шуда, 43 коргоҳи саноатӣ ба истифода дода шуд.

Дар вилояти Суғд бошад, тибқи нақша дар соли 2024 166 корхонаву коргоҳи нав бо 2060 ҷойи корӣ ба фаъолият шурӯъ кард. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят ба 30 миллиард сомонӣ расонда шуд.

Дар вилояти Хатлон давоми соли 2024 155 иншоот ба истифода дода шуд, ки 58 адади он бо маблағи умумии 90 миллион сомонӣ аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ бунёд гардидааст.

Гуфта шуд, ки дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 1663 иншоот сохта шуд, ки 134,1 фоизи нақшаи солонаро ташкил медиҳад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар барои густариш бахшидани раванди омодагӣ ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, татбиқи нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зери назорат гирифтани раванди таълиму тарбияи насли наврас, баррасии саривақтии арзу шикоятҳои мардум, дастгирии соҳибкорӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ ва бештар намудани ҳаҷми содироти онҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар соли 2024 бо таҳлилҳо суханронӣ намуданд.

Сарвари давлат барои иҷрои нишондиҳандаҳои Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати кишвар, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш доданд, ки тамоми кӯшиши худро баҳри иҷрои саривақтӣ ва сифатноки вазифаҳо ва дастуру супоришҳо сафарбар намоянд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати кишвар, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор намуданд, ки фаъолияти худро вусъат бахшида, тибқи супориши қаблӣ суръати рушди иқтисоди кишварро дар соли 2025 дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намоянд.

Супориш дода шуд, ки дар ин ҷода, хусусан, ба масъалаҳои ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Президенти кишвар истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, тақвияти иқтидори содиротии кишвар, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷа номиданд.

(Давомаш дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 3)

# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Таъкид гардид, ки дар соли 2024 бо мақсади иҷрои нақшаи чорабиниҳои зиддибуҳронии Ҳукумат ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ аз шарикони рушд беш аз 16 миллиард сомонӣ грант ва қарзҳои имтиёзнок ҷалб карда шуд.

Сохторҳои марбута вазифадор шуданд, ки иҷрои барномаҳои муштараки ислоҳотро бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ сари вақт таъмин намуда, барои идома додани раванди ҷалби маблағҳои грантӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва дастгирии буҷети давлатӣ чораҳои амалӣ андешанд.

Бо мақсади таъмин намудани бозори истеъмолӣ ва коҳиш додани вобастагии бозори дохилӣ аз молу маҳсулоти воридотӣ Сарвари давлат зарур шумориданд, ки барои афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ ва истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда тадбирҳои иловагӣ андешида шуда, муътадил нигоҳ доштани нархҳо дар соли ҷорӣ таъмин гардад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омори маҳсулоти саноатии ғизоиро, ки аз берун ворид мешавад, таҳлил намуда, таъкид доштанд, аксари ин маҳсулот бояд дар дохили кишвар истеҳсол шавад.

Гуфта шуд, ки дар соли 2024, бо вуҷуди дар сатҳи 104 фоиз иҷро гардидани нақшаи даромади буҷети давлатӣ дар баъзе ноҳияҳои кишвар нақшаи ҷамъоварии андозу пардохтҳо таъмин карда нашуд, ки андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамояд.

Аз ин рӯ, Роҳбари давлат супориш доданд, ки сохторҳои марбута барои дарёфти захираҳои нави молиявӣ ва ҷалби пурраи манбаъҳои даромад ба буҷети давлатӣ, сифатнокии таҳия ва иҷрои он, инчунин, боз ҳам кам кардани бақияпулиҳои андоз тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Президенти кишвар ба вазорату идораҳои масъул супориш доданд, ки бо мақсади ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии арзандаи мардум, аз ҷумла иқдоми баланд бардоштани музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, нафақа ва стипендияҳо, чораҳои мушаххас андешанд.

Дар самти сарфакорона ва мақсаднок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ вазорату идораҳои марбута супориш гирифтанд, ки камбудиҳои ҷойдоштаро ҳар чӣ зудтар бартараф карда, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва шаффофияти хароҷоти онро таъмин созанд.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва гузариш ба низоми пурраи пардохтҳои ғайринақдӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва соҳаҳои мухталифро Президенти кишвар талаби қатъии рӯз номиданд.

Таъкид гардид, ки барои вусъат бахшидани ин равандҳо дар Паёми Роҳбари давлат солҳои 2025 - 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шуд.

Ба Ҳукумати кишвар супориш дода шуд, ки баҳри амалӣ намудани ин иқдом нақшаи мукаммали амалро қабул ва татбиқ намояд.

Дар робита ба масъалаҳои ҳалталаби гузариш ба низоми рақамӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешидани як қатор тадбирҳоро зарур шумориданд. Аз ҷумла, вазорату идораҳо дар муҳлати се моҳ ба низоми байниидоравии ҳамгироии иттилоотӣ ба таври ҳатмӣ бояд пайваст шаванд, вазорату идораҳои хизматрасон то ташаккул додани махзанҳо барои анҷом додани раванди фаъолияти дахлдор аз имконияти низомҳои дар Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ташаккулёфта истифода намоянд ва Дастгоҳи иҷроияи Президент ва мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади таъмин намудани фаъолияти самараноки «ҳукумати электронӣ» гардиши пурраи электронии ҳуҷҷатҳоро аз 1-уми июли соли 2025 ба роҳ монанд .

Ба ситоди ҷумҳуриявӣ супориш дода шуд, ки оид ба масъалаҳои рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва ҳалли масъалаҳои мавҷуда чораҳои фаврӣ андешад.

Таъкид карда шуд, ки гарчанде пардохтҳои ғайринақдӣ барои хариди молу хизматрасониҳо дар ҳаҷми умумии пардохтҳо бо истифода аз воситаҳои электронии пардохт аз 6,9 фоизи соли 2019 то 26,2 фоиз дар соли 2024 расонида шудааст, вале натиҷаи мазкур ҳоло ҳам қаноатбахш нест.

Бинобар ин, Бонки миллӣ вазифадор гардид, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва рушди инфрасохтори низоми пардохт тадбирҳои иловагӣ андешад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҳарчанд дар соли 2024 сармояи мустақими хориҷӣ ба кишвар беш аз 4,3 миллиард сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2023-юм 39 фоиз афзоиш ёфтааст, вале ҳаҷми он барои қонеъ гардонидани талаботи рушди иқтисоди кишвар ҳоло ҳам кофӣ нест.

Ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода шуд, ки ҷалби сармояи мустақимро бамаротиб афзоиш диҳанд.

Зимни таҳлили вазъи соҳаи кишоварзӣ Роҳбари давлат иброз доштанд, ки бо вуҷуди пешравиҳои соҳа дар соли 2024 имкониятҳои мавҷуда ҳоло ҳам ба таври зарурӣ истифода нашудаанд. Дар робита ба ин, зарур шуморида шуд, ки барои истифодаи самараноки заминҳои кишт, баланд бардоштани ҳосилхезии онҳо, таъмин намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмии баландсифати зироатҳои кишоварзӣ, бахусус, пахта ва ғалладонагиҳо ва дар ин замина, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Барои расидан ба ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар ва талаботи «Барномаи давлатии рушди содирот барои солҳои 2021 - 2025» Вазорати саноат ва технологияҳои нав вазифадор гардид, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ камбудиҳои соҳаро ислоҳ намуда, бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо рушди саноатро тақвият бахшад.

Супориш дода шуд, ки дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ то маҳсулоти ниҳоӣ дар дохили кишвар тадбирҳои амалӣ андешида шуда, истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок ва содироти он афзоиш дода шавад.

Зимни таҳлили вазъи соҳаи энергетика, бахусус тавлиди неруи барқ, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар кишвар 22,4 миллиард киловатт - соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023-юм 567,6 миллион киловатт - соат ё 2,6 фоиз зиёд мебошад, вале дар соҳаи энергетикаи кишвар бо вуҷуди супоришҳои додашуда, ҳоло ҳам як қатор мушкилиҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд, ки ба раванди истеҳсол ва ҳаҷми таъминоти барқ таъсири манфӣ расонида истодаанд. Аз ҷумла, талафоти неруи барқ, ки то ҳанӯз дар сатҳи баланд ва ташвишовар боқӣ монда, соли 2024-ум 20 фоизро ташкил додааст ва сатҳи нопурраи ҷамъоварии маблағи истифодаи неруи барқ, ки дар ин давра ба 91 фоиз расонида шудааст, аз ҷумлаи мушкилоти ҳалталаби соҳа мебошанд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин вазорату идораҳои марбутаи соҳаро вазифадор намуданд, ки татбиқи саривақтиву босифати лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқро таъмин намоянд.

Зарур шуморида шуд, ки доир ба ҳар чӣ зудтар ҷорӣ намудани низоми биллингӣ, баҳисобгирии пурраи истифодабарандагони неруи барқ ва якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сари вақт ҷамъоварӣ кардани маблағи неруи барқ чораҳои қатъӣ андешида шаванд.

Дар Паёми Президенти кишвар таъкид гардидаст, ки аз моҳи майи соли 2027 аз ҳисоби истеҳсоли неруи барқ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва силсилаи неругоҳҳои барқи обии дарёи Вахш норасоии неруи барқ дар кишвар пурра бартараф ва Тоҷикистон ба истиқлоли комили энергетикӣ ноил мегардад. Вобаста ба ин, Роҳбари давлат ба Ҳукумати кишвар ва дигар масъулон супориш доданд, ки корҳои сохтмонро суръат бахшанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлили вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ таъкид доштанд, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва амалигардонии ислоҳоти соҳаи маориф дар кишвар стратегияву барномаҳои мухталиф қабул ва амалӣ гардида истодааст.

Ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки барои татбиқи пурра ва сифатноки барномаву стратегияҳои қабулшуда чораҳои саривақтӣ ва қатъӣ андешанд. Инчунин, супоришҳои дигар ба сохторҳои марбута барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дода шуд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар соҳаи тандурустии кишвар тарки вазифа кардани табибон ва дигар кормандони соҳаи тиб дар бахши давлатӣ ташвишовар гардидааст. Бо дарназардошти вазъи зикршуда, супориш дода шуд, ки вазорату идораҳои соҳа бо роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли камбудиҳо тадбирҳои иловагӣ андешад.

Президенти кишвар бо назардошти ҳадафҳои олии давлатдорӣ ва мураккаб боқӣ мондани вазъи ҷаҳон ва минтақа супориш доданд, ки дар самти кор бо аҳолӣ нақшаҳои тасдиқгардида таъмин шуда, баргузор намудани чорабиниҳои сиёсиву фаҳмондадиҳӣ, ҳарбиву ватандӯстӣ, фарҳангиву фароғатӣ ва варзишӣ вусъат дода шавад.

Сарвари давлат аз фаъолони ҷомеа ва шаҳрвандон риояи ҳатмии талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак»-ро талаб намуданд.

Таъкид гардид, ки то охири соли 2024 дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар кишвар аз 28 ҳазору 800 иншооти ба нақша гирифташуда беш аз 18 ҳазору 200 иншоот бунёд гардидааст, ки 63 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Дар фароварди сухан Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аъзои Ҳукумат, роҳбарони дигар сохтору мақомоти давлатӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намуданд, ки бо истифода аз имконияту захираҳои мавҷуда барои бартараф кардани камбудиву норасоиҳои дар маҷлиси имрӯза зикргардида ва супоришу вазифаҳои гузошташуда масъулияти шахсӣ дошта бошанд.

**www.prezident.tj**

---

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 426903 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Маводи канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 38 | 06.02.2025 15:45:00 |
| 2 | 426904 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 06.02.2025 17:25:34 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

---

**Специальное уведомление о вакантных должностях:**

**Проект сельского водоснабжения и санитарии;**

| Инженер строитель | Инженер электромеханик |
|---|---|

**Для получения полной информации отсканируйте QR-код**

---

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2010 ба Қурбонов Абдукарим Абдухолиқович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, маҳаллаи Болошаҳр, хонаи 31 «А», ба Раҷабов Раҷабмурод Одинахолович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин барои истифодаи якумра, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, маҳаллаи Болошаҳр, хонаи 31»А», ба Раҷабов Раҷабмурод Одинахолович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, маҳаллаи Болошаҳр, хонаи 31»А», ба Раҷабов Раҷабмурод Одинахолович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2018 ба Буриев Маҳмудҷон Шаҳобович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини хоҷагии деҳқонии «Маҳмадуло -Х», ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Ҳисор бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти М. Ризо, деҳаи Хучилдиёри боло, ба Сафаров Хайруло додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини якумраи меросӣ таҳти №6012 бо № 0489763, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Ҳисор 27 марти соли 2015 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти М. Ризо, ба хоҷагии деҳқонии «Неъматулло-Х» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини якумраи меросӣ таҳти № Б14666 бо дараҷаи А №0376061, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Ҳисор 15 марти соли 2013 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Деҳқонобод, деҳаи Содиқӣ ба Қосимов Абдусалом додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 22 сентябри соли 2015 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Деҳқонобод, деҳаи Содиқӣ, ба Қосимов Абдусалом додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи биноӣ истиқоматии ҷудогона, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Норак 13 сентябри соли 2023 таҳти рақами инвентарии 7428 бо суроғаи шаҳри Норак, минтақаи манзилии №1, кӯчаи А. Рӯдакӣ, бинои 16, хонаи 10, ба Лиюшина Галина Владимировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои мошинсарой, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Норак 27 ноябри соли 2023 таҳти рақами инвентарии 10561 бо суроғаи шаҳри Норак, минтақаи манзилии №2, кӯчаи Ш. Раҳимов, бинои берақам, ба Лиюшина Галина Владимировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи №0527549 дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Норак 18 сентябри соли 2023 таҳти №5171 бо суроғаи вилояти Хатлон, шаҳри Норак, минтақаи манзилии №1, кӯчаи А. Рӯдакӣ, бинои 16, хонаи 10, бинои истиқоматии ҷудогона, ба Лиюшина Галина Владимировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи №0559894 дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Норак 5 январи соли 2024 таҳти №5513 бо суроғаи вилояти Хатлон, шаҳри Норак, минтақаи манзилии №2, кӯчаи Ш. Раҳимов, хонаи берақам, қитъаи замин барои мошинсарой ва мошинсарой, ба Лиюшина Галина Владимировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти силсилаи ХТ №1111065, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Норак 12 сентябри соли 2023 таҳти феҳрасти №1-1820 РМА 415337562 бо суроғаи шаҳри Норак, минтақаи манзилии №1, кӯчаи А. Рӯдакӣ, бинои 16, хонаи 10, ба Лиюшина Галина Владимировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 01344136, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 5 июни соли 2018 ба Анвари Меҳровар Диловаршо додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳрҳои гумшудаи №2 ва №4-и мансуб ба ҶДММ «Ғайрат-82» (РМА120037787), ки 23 марти соли 2013 дар Назорати андозсупорандагони калон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, эътибор надоранд.

✓ Дастгоҳи гумшудаи назоратӣ- хазинавии хотирааш фискалии тамғаи «Миника» №2201017850-и мансуб ба соҳибкори инфиродӣ Саъдуллоева Майнагул (РМА 015389615, РЯМ 0130201601), эътибор надорад.

✓ Патенти гумшудаи соҳибкори инфиродӣ бо РМА 605797137, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2023 ба Олимова Муродой Файзиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи хонаи истиқоматии таҳти литерҳои 1х.1, 3х.1, 4х.1, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 12 апрели соли 2011 таҳти феҳрасти №1Ш-338 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳ. Назаров (пешина Хлопзаводская), хонаи 528, таҳти литерҳои 1х.1, 3х.1, 4х.1 ба Сатторов Талбак Каримович, Раҳмонова Сония Аҳмадовна ва Сатторова Ҷоноро Исаиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи қонунигардонии молу мулк, ки онро Комиссия оид ба қонунигардонии молу мулки ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 28 июни соли 2009 таҳти №6773 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Хлопзаводская (ҳоло Ҳабибулло Назаров), хонаи 528/2, ба Сатторов Садриддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшуда оид ба саҳмгузорӣ дар сохтмони бинои истиқоматии баландошёнаи навбунёд, ки 29 марти соли 2021 байни ҶДММ «Лола» ва Салимова Халифа Сироҷовна бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 6 «А», хонаи 2, баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматии ҷудогона, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ, хонаи 10, ба Салихов Пайтур додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 6322212, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 28 январи соли 2011 ба Махсудова Парвина Сарварҷоновна додааст, этибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматии ҷудогона, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Қубодиён бо суроғаи ноҳияи Қубодиён, ҷамоати шаҳраки Қубодиён, кӯчаи У. Хайём, хонаи берақам, ба Қарчиев Садридин Мирумшоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТК №0104583, ки онро Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ 19 ноябри соли 2015 таҳти қайди 1600 ба Даврони Мирзои Сангмадзода додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ба Амакиев Абуалӣ Нуралиевич (РМА 225178932, РЯМ 0331203905) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Литсейи касбии саноати дӯзандагии шаҳри Душанбе соли 2010 ба Шукронаи Мираҳмад додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлии истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Навобод, кӯчаи Ленин, хонаи 12, ба Сайфуллоев Шамсиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи И. Сомонӣ 209/2, хонаи 8 ба Сафарова Зайринисо додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино ба Гадоев Суҳробҷон Алиевич (РМА 186050591, РЯМ 0430373020) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ФВ-1 №000100, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 1993 таҳти қайди 7991 бо ихтисоси зоотехник ба Баротов Сайфидин Баротович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 7 апрели соли 2003 таҳти феҳрасти №9Д-381 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Ҳ. Маҳмуд, ҳавлии №24, ба Мирзоева Муҳаббат Раҳимовна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Навои руд» (РЯМ 1210011165, РМА 120041359), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 14 январи соли 2016 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Обу корези Ҳулбук» (РМА 040055919, РЯМ 0410034158), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 28 августи соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Душанбеи нурафшон» (РЯМ 0410042756, РМА 040065366), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино 11 октябри соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 20 январи соли 2025, соати 13:50 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33945 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97